«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
____________ Абдуалимзода Ҳ.А.
“ 29 ” августи 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқӣ соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**. Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиноснομаи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосири иқтисодӣ шартномаҳои консессионӣ ҳамчун механизми муассири ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Муҳимияти омӯзиши онҳо ба зарурати такмили заминаи меъёрӣ, ки мувозинати манфиатҳои давлат ва сармоягузорони хусусиро таъмин менамояд, вобаста аст. Ин шартномаҳо имкон медиҳанд, ки сармоягузориҳои хусусӣ ба рушди инфрасохтор ва хизматрасонии давлатӣ ҷалб карда шаванд, ки ин махсусан дар ҳолати маҳдуд будани маблағҳои буҷетӣ муҳим аст. Танзими ҳуқуқии консессияҳо рушди минбаъдаро барои бартараф кардани камбудиҳо ва ихтилофҳои мавҷуда талаб мекунад. Омӯзиши механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои консессиявӣ аҳамияти махсус дорад. Консессия ба азнавсозии объектҳои давлатӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ мусоидат мекунанд, ки аҳамияти таъмини ҳуқуқии онҳоро таъкид мекунад.

Ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ дар бораи консессияҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва мутобиқ кардани таҷрибаи пешқадам ба шароити миллӣ яке аз масъалаи мубрам мебошад. Таҳлили дурнамои рушди шартномаҳои консессионӣ имкон медиҳад, ки самтҳои эҳтимолии татбиқи онҳо ва самараи иқтисодӣ-ҳуқуқии онро муайян кард. Омӯзиши хавфҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои кам кардани онҳо дар доираи лоиҳаҳои консессионӣ низ таваҷҷӯҳи махсусро талаб менамояд. Умуман, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ барои рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ мавзуи таҳқиқгардида воқеан мубрам баҳисоб рафта дар шароити имрӯза зарурати таҳлили он барои назария ва амалия саривақтӣ дониста мешавад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне шартномаҳои консессионӣ бахшида шудааст. Таҳлили таҷрибаи хориҷии фаъолияти консессионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маҳз тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ, истифодаи дурусту мақсадноки моликияти дар ихтиёри давлат қарордошта, инчунин самаранокию сифатнокии хизматрасониҳо бо истифода аз чунин моликият ҷиҳати қонеъ намудани талаботи истифодабарандагони ниҳоӣ таъмин мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат боис гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъи шартномаҳоро барои инкишоф ёфтани иқтисодиети мамлакат зарур дониста санадҳои дахлдорро қабул намудааст. Муаллиф дар мисоли объектҳои ки дар асоси шартномаи консессионӣ аз тарафи давлат ба консессия додашудааст баррасӣ намуда ҷолибияти онро қайд менамояд.

Инчунин дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ диссертант мушкилоти ҷойдошта ва ба таври васеъ паҳн нагардидани шартномаро таҳлил намуда ба хулосае омадааст ки дар ин самт проблемаҳои гуногун ҷой доранд ки дар миени онҳо қонунгузории ҶТ низ маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон муаллиф имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда ба хулосае омадааст ки  ба консессия додани сохтмон ва истифодабарии роҳҳо, соҳаи об ва энергетика ва ғ.ра барои аз байн бурдани мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳаҳои иқтисоиет муфид арзебӣ карда мешавад.

Муаллиф исбот мекунад ки шарикии давлат бо бахши хусусӣ бо усули консессия хело ҷолиб буда, амалигардонии он истифодабарии босамари моликияти давлатиро таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқи маҷмӯи масъалаҳои пайдоиш ва рушди ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар намуди шартномаҳои консессионӣ, ҳамзамон афзалияти истифодаи он дар шароити Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф хулосаҳои зерин манзур мегарданд:

1) То ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти ҳамаҷониба ва бунёдии масъалаҳои ҳуқуқии механизми консессионии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ оид ба идоракунии самараноки моликияти давлатӣ гузаронида нашудааст. Чунин ҳолат зарурати таҳқиқи минбаъдаи проблемаҳои табиати ҳуқуқӣ, баимзорасонӣ, таъмини иҷрои шартҳои шартномаи консессионӣ, тағйир додан ва бекор кардани ин шартномаро хело мубрам мегардонад.

2) Тавсеаи бомароми шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар шароити муосир шаҳодати дар ҷумҳурии мо ташаккул ёфтани як мавқеи мустаҳками сиёсӣ ва консептуалӣ дар мавриди дарки аҳамияти чунин ҳамкориҳо буда, барои амалигардонии лоиҳаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ барои давлат муҳим ва аз лиҳози иқтисодӣ барои бахши тиҷорат манфиатовар заминагузор мегардад.

3) Таҷрибаи давлатҳои пешрафта гувоҳи онанд, ки ҳамгироии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи шарикии давлативу хусусӣ ба ҷалби мақсадноку босамари сармояи хусусӣ хос буда, метавонад ба сифати василаи манфиатбахши истифодаи оқилонаи моликияти давлатӣ, инчунин роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ баромад намояд.

4) Қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» ҳамчун санади асосии танзимкунандаи фаъолият дар соҳаи консессия заминаи ҳуқуқиро барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои муҳиму стратегии иқтисодиёт муқаррар намуда, ба бахши хусусӣ имкон дод, ки барои истифодаи иншооти инфрасохторӣ бо шартҳои муайян ҳуқуқ пайдо намояд.

5) Новобаста аз мавҷудияти имкониятҳои ояндадор, таҷрибаи миллии консессионӣ тавассути баимзорасонии шартномаҳои дахлдор рушди босуръат надошт, ки сабабҳои онро метавон чунин шарҳ дод:

а) ҳодисаҳои марбут ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки ба имиджи давлат таъсиргузор буда, боварии сармоягузорони хориҷиро барои анҷоми фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври ҷиддӣ коҳиш дод;

б) кӯшишҳои аввалини таҷрибаи дар амал татбиқшудаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, ки баҳогузории тавакалҳо ва таҳлили самранокиро тақозо менамояд;

в) ба мушоҳида расидани дигар монеаҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва мушкилоти татбиқи шартномаҳои консессионӣ ва ғайра.

6) Татбиқи имкониятҳои дастрас бо истифода аз муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо” ба рушди инфрасохтор, ҷалби технологияҳои нав, муносибгардонӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ мусоидат намуда, такмили минбаъдаи заминаҳои қонунгузорӣ бо ба инобат гирифтани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар асоси шартномаи консессия мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд муаллиф тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба консессияҳо баррасӣ намудааст. Дар натиҷаи барраси он муаллиф санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба консессияҳоро ба ду гуруҳ ҷудо намудааст: умумӣ ва махсус. Ба гурӯҳи умумӣ он асосҳои ҳуқуқиро бояд дохил намуд, ки ҷиҳати рушди муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ шароит фароҳам оварда, қоидаҳои умумии рафторро барои иштирокчиёни шартномаҳои консессионӣ инъикос мекунанд. Ба гурӯҳи махсус бошад, санадҳои қонунгузориеро метавон мансуб донист, ки дар худ махсусияти танзими пурраю ҳамаҷонибаи муносибатҳои консессиониро инъикос менамоянд. Дар доираи баррасии асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ муаллиф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо” ва Кодекси маданиро мавриди таҳлил қарорда номувофиқӣ ва мухолифати онро ошкор месозад. Ҳамзамон дар асоси омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва истифодаи усули муқоиса муаллиф пешниҳодҳои судманд ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва инкишоф ефтани онҳо пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон муаллиф табиати шартномаи консессияро таҳлил намуда роҷеъ ба ақидаҳои сершумори ҷойдошта мулоҳиза намуда ақидаҳои худро баен медорад. Ба андешаи муаллиф, мавқеи назари гурӯҳи муаллифоне, ки шартномаи консессиониро ҳамчун шакли маданию ҳуқуқии ҳамкории мутақобилаи конседент ва консессиядор муаррифӣ менамоянд, қобили таваҷҷуҳ ва мутобиқ ба ҳолати муосири танзими муносибатҳои уфуқӣ арзёбӣ мегардад, дуруст мебошад. Муаллиф бо як чанд асосҳо табиати маданӣ-ҳуқуқӣ доштани шартномаи консессияро асоснок менамояд. Ба андешаи муаллиф маҳз дар Кодекси маданӣ дарҷ гардидани шартномаи мазкур гувоҳи табиати маданӣ ҳуқуқии шартнома мебошад.

Дар натиҷаи омузиши яке аз элементҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ - субъект муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳамчун тарафҳои шартномаи консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консендент ва консессиядор баромад мекунанд. Новобаста ба он ки кадом мақоми ҳокимияти давлатӣ

барои бастани шартномаи консессионӣ аз ҷониби конседент ваколатдор мешавад, он ҳамеша аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки аз масъулияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди консессиядор шаҳодат медиҳад. Муаллиф ба хотири ба назар гирифтани манфиатҳои давлатӣ зарур мешуморад ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бастани шартномаҳои консессионӣ баромад намояд. Чунин пешниҳоди муаллифӣ такя ба салоҳияти мақомоти мазкур менамояд.

Дар доираи рисолаи мазкур муаллиф ба проблемаи таносуби шартномаи мазкур рӯ оварда фарқияти онро аз дигар шартномаҳои маданӣ ҳуқуқӣ ошкор месозад. Аз ҷониби муаллиф исбот карда мешавад, ки баъзе шабеҳияти шартномаи консессионӣ бо шартномаҳои иҷора, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, консессияҳои тиҷоратӣ ва ғайра мавҷуданд, аммо табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти шартномаи консессионӣ аз мустақилияти ин таркиби шартномавӣ шаҳодат медиҳад. Шартномаи консессионӣ аз шартномаи иҷора аз рӯи таркиби махсуси субъектҳо, мавзӯи шартнома, усули интихоби контрагент, талабот ҷиҳати озод кардани объекти консессия аз ҳуқуқҳои шахсони сеюм, имконнопазирии гузаштани ҳуқуқи моликияти консессиядор ба объекти шартномаи консессионӣ, паҳншавии ҳатмии ҳуқуқи моликияти конседент ба объектҳои аз ҳисоби консессиядор дар давраи фаъолияти консессионӣ сохташуда ва ғайра фарқ дорад.

Ҳама гуна кӯшишҳои монанд донистани шартномаи консессионӣ бо шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз ҳисоби умумияти истилоҳоти онҳо беасос ҳисобида мешаванд. Хусусияти махсуси ҳуқуқи истисноии консессиядор чунин аст, ки фаъолияти ҳамшабеҳи молики аввалаи ҳуқуқи истисноӣ, яъне конседент ва дигар ҷонибҳои сеюм дар ҳудуди фаъолияти муайяннамудаи шартнома роҳ дода намешавад. Таҳлили муқоисавию ҳуқуқии шартномаҳои баррасишаванда фарқияти байни онҳоро аз рӯи усули бастани шартнома, таркиби субъективӣ, тартиби гузариши ҳуқуқ ба шахсони сеюм ва ғайра нишон медиҳад.

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки муҳаққиқ мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташударо оид ба шартномаҳои консессионӣ аз нуқтаи назари амалӣ ва назариявӣ дуруст таҳлил намуда, андешаҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳамияти муҳим дорад.

Саҳми муаллифи рисола дар он аст, ки вай яке аз масъалаҳои муҳимро дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ назарияҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои

шартномаҳои консессионӣ пурра ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Дар доираи диссертатсия муаллиф қонунгузории Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро ба таври васеъ истифода намудааст.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур ба муаллиф муяссар гардидааст, ки заминаҳои рушди шартномаҳои консессиониро ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузори хусусӣ, асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ, хусусияти таркиби субъективии шартномаи консессионӣ, хусусиятҳои бастани шартномаи консессионӣ, таносуби шартномаҳои консессиониро бо шартномаҳои ба ҳам наздик ва дигар масъалаҳоро муайян ва ҳал намояд.

Мураккабии мавзуъ ва масъалаҳои баҳсноки он аз далолат мекунад, ки то ба ҳол дар илмӣ ҳуқуқшиносӣ оид ба проблемаҳои шартномаҳои консессионӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Новобаста ба ин муаллиф тавонистааст, ки дар доираи таҳқиқоти худ ақидаҳои навро баен намояд, мушкилоти ҷойдоштаро ошкор созад ва проблемаҳои ҳалли онро пешниҳод намояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба шартномаҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Абдуллозода А.Р. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода А.Р. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст омада, барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти шартномаҳои консессионӣ истифода карда мешаванд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки дар он консепсияҳо ва диди нави илмӣ оид ба шартномаҳои консессионӣ пешниҳод гардидаанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, ки тағйиру иловаҳои ба муқаррароти қонунҳо пешниҳодгарида ва хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар вобаста ба шартномаҳои консессионӣ истифода намуд.

Тадқиқоти гузаронидашуда метавонад ба рушди тафаккури ҳуқуқи

маданӣ ва такмили таҷрибаи татбиқи меъёрҳои шартномаҳои консессионӣ мусоидат намояд. Тадқиқот аз он ҷиҳат беназир аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ аз нуқтаи назари андешаи назариявӣ ва татбиқи амалӣ баррасӣ мешаванд. Андешаҳои илмии муаллиф аз ҷихати мантиқӣ асоснок карда шудаанд. Ғояҳои пешниҳодшуда барои омузиш ва ҳалли проблемаҳои шартномаҳои консессионӣ заминагузор хоҳанд буд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон бешубҳа дар фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ дар доираи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва дар раванди таълим истифода намуд.

Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Абдуллозода А.Р. арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:

1. Хусусиятҳои рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар шароити муосир шарҳ дода шуда, ҳолати ташаккули як фаҳмиши сиёсӣ-консепуталии муҳимияти чунин шарикӣ, махсусан барои лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ҳам барои давлат ва ҳам бароң тиҷорат аҳамияти аввалиндараҷа доранд, тасдиқ мегардад.

Маҷмӯи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии пайдоиш ва рушди муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд, ки истифодабарии моликияти давлатӣ дар асоси консессия ва бо ҷалби воситаҳои молиявию технологӣ, кадрӣ ва дигар воситаҳои бахши хусусӣ дар ниҳояти кор ба сарфаи маблағҳои буҷети давлатӣ, беҳтар гардидани сифат ва дастрасии хизматрасониҳое, ки ба истифобарандагони ниҳоӣ расонида мешавад ва навсозии худи объекти консессия мусоидат менамояд.

2. Заминаҳои таърихию объективонаи рушди консессия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, ки ба хусусиятҳои зерин алоқаманд мебошанд:

а) ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузариши иқтисодиёт ба шакли бозории хоҷагидорӣ дар ҶТ;

б) барасмиятдаронии шаклҳои нави ҳуқуқии шарикии давлативу хусусӣ, баҳогузории самаранокӣ ва зарурати рушди минбаъдаи он;

в) мавҷудияти захираҳои табиӣ дар қаламрави мамлакат ва дурнамои ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади коркарди минбаъдаи онҳо;

г) истифодаи оқилонаи захираҳои обии дар кишвар мавҷудбуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ, ки ба ҳалли мушкилоти норасоии неруи барқ дар асоси консессия, хусусан дар фасли зимистон равона шудааст.

Вале, новобаста аз мавҷудияти имкониятҳои ояндадор, таҷрибаи миллии консессионӣ тавассути баимзорасонии шартномаҳои дахлдор рушди босуръат надошт, ки сабабҳои онро метавон чунин шарҳ дод:

а) ҳодисаҳои марбут ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки ба имиджи давлат таъсиргузор буда, боварии сармоягузорони хориҷиро барои анҷоми фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври ҷиддӣ коҳиш дод;

б) кӯшишҳои аввалини таҷрибаи дар амал татбиқшудаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, ки баҳогузории тавакалҳо ва таҳлили самранокиро тақозо менамояд;

в) ба мушоҳида расидани дигар монеаҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва мушкилоти татбиқи шартномаҳои консессионӣ ва ғайра.

3. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои консессионӣ, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар ҶТ қабул гардидаанд, нишон медиҳад, ки дар муқарраpоти онҳо вобаста ба додани ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ (қитъаҳои замин, конҳои маъданҳои фоиданок) ва дигар объектҳои хоҷагидорӣ ба консессионер хатогию номутобиқатиҳои мушаххас ҷой доранд, ки дар навбати худ барои рушди минбаъдаи муносибатҳои консессионӣ дар кишвар монеаҳо эҷод менамоянд.

Ҳамзамон, муҳокимаҳои давомдори илмӣ дар бораи хусусияти (табиати) ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ муайян карда шуда, бо таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала ба мавқеи олимон вобаста ба пазируфтани шартномаи консессионӣ, ҳамчун шакли маданӣ-ҳуқуқии ҳамбастагии байни конседент ва консессиядор, ки ба ҳолати имрӯзаи танзими муносибатҳои уфуқӣ мувофиқат менамояд, афзалият дода мешавад. Қобили зикр аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе шарҳу эзоҳ, одатан шартномаҳои консессиониро ба сифати шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ муайян кардааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022 ба масъалаҳои консессия бахшида шудани боби 61 тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад.

4. Бо ба инобат гирифтани вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои консессионӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ таҳлили пайваста ва мониторинги доимии вазъи истифодаи моликияти давлатиро гузаронида, соҳаҳои фаъолияте, ки ба ҷалби сармоягузории хусусӣ, махсусан дар шакли консессия эҳтиёҷ доранд, муайян карда, лоиҳаҳои консессионии барои иқтисодиёт ҷолибро сари вақт таҳия ва барои амалигардонӣ пешниҳод созад ва дар ин замина мушкилоти соҳаи консcесияи миллиро сари вақт ошкор ва баҳри бартараф намудани онҳо

таклифҳои судманд манзур намояд.

Гузаронидани ҳисобҳои пешакӣ ва арзёбии лоиҳаҳои эҳтимолӣ ва имконпазири консессионии аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок қобили дастгирӣ шуморида шуда, пешниҳод гардидааст, ки танзими ҳуқуқӣ ва тартиби баргузории он бо роҳи қабули санади алоҳидаи меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва додани ин ваколат ба мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда шавад. Ба андешаи муаллиф чунин тарзи корбарӣ имконият медиҳад, ки моликияти давлатии бесамар ё ғайримақсаднок истифодашаванда сари вақт муайян гардида, довталабони манфиатдор барои ба консессия гирифтани чунин молу мулк аз маҷмӯи талаботи ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии ба консессия гирифтани чунин моликият қаблан бохабар гарданд.

5. Таҷрибаи бегона кардани дороии консессионӣ аз рӯи шартномаи консессионӣ, ки дар шартномаи консессионии системаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ гардидааст, такмилталаб буда, минбаъд метавонад таҷрибаи пурра бегона кардани объектҳои консессиониро ба миён оварад ва ба ин васила бартарӣ ва самаранокии истифодаи молу мулки давлатиро дар асоси консессия нисбат ба хусусигардонии моликияти давлатӣ зери шубҳа гузорад.

7. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди танзими ҳуқуқии иштироки давлат дар муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ, принсипи баробарии ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқиро бо дигар иштирокчиёни оддии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дастгирӣ менамояд. Таносуби масъулияти ҳуқуқии давлат ва масъулияти ҳуқуқии мақомоти давлатӣ дар назди консессиядор нишон медиҳад, ки новобаста аз он ки кадом мақомоти давлатӣ шартномаи консессиониро ба имзо мерасонад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҳамчун консендант боқӣ мемонад, ки гувоҳи масъулияти пурраи шартномавии давлат дар назди консессиядор мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан дой доранд, чунончӣ:**

1. Дар матни тоҷикии автореферат дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ номгӯи олимон оварда шудааст. Аммо дар матни русии он таҳқиқотчии Н.Ф. бе овардани фамилияи зикр гардидааст (с.6). Бинобар ин муаллифро зарур меомад, ки матни русии авторефератро ба тоҷикӣ мутобиқ менамуд.

2. Муаллиф дар нуктаи 6-уми ба ҳимоя пешниҳодшаванда норозигии илмии худро ба мавқеи ҷорӣ намудани ҳисобии (отчисление) иловагӣ аз консессиядор вобаста ба ҳаҷми даромади ӯ баён медорад. Ба ақидаи

рисоланавис чунин амалия метавонад консессиядорро ба ҳолатҳои пинҳонкунии даромади худ ва ё маҳдуднамоӣ ба афзоиши минбаъдаи истеҳсолоти консессионӣ водор намояд. Ин ақида аҳамияти илмӣ дорад, зеро муаллиф мавқеи худро бо оқибатҳои эҳтимолии манфӣ (пинҳон кардани даромад ё боздоштани афзоиши истеҳсолот) асоснок мекунад. Аммо барои баланд бардоштани дараҷаи навоварии ин мулоҳиза муаллиф мебоист механизми альтернативиро пешниҳод мекард, ки масъалаи тақсими одилонаи даромадро байни давлат ва консессионер ҳал мекард.

3. Дар қисми 10 Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот зимни таҳлили қонунгузории ҷорӣ пешниҳод шудааст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо” ваколатҳои ҳукумат, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти консессионӣ на дар соҳаи муносибатҳои консессионӣ, балки дар соҳаи консессия муайян карда шаванд. Ҳамчунин, зикр шудааст, ки дар қонун мутаносибан ҳуқуқ ва вазифаҳои консендент ҳамчун тарафи шартномаи консессионӣ дар алоҳидагӣ аз ваколатҳои мақомоти консессионӣ дар татбиқи консессия мушаххас гарданд. Вале, муаллиф доир ба ин масъала таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии давлатҳои хориҷаро баён накарда, роҳҳои ҳалли ин масъаларо пешниҳод накардааст. Пӯшида нест, ки хусусияти субъективии шартномаҳои консессионӣ бинобар сабаби ба сифати яке аз тарафҳои он баромад кардани давлат мураккаб мебошад ва консессиядор бояд дақиқ донад, ки зимни имзои шартнома тарафи дигар, яъне консендент, ки дар як вақт мақомоти давлатӣ мебошад дорои чи гуна ваколатҳое мебошад, ки метавонад дар ҳолати зарурӣ ба манфиати як ҷониби шартнома истифода гардад. Аз ин лиҳоз муаллифро мебоист, ки ин масъаларо бештар кушода тавсияи амалии ҳалли ин мушкилотро пешниҳод мекард.

4. Мундариҷаи боби 3 рисолаи мазкур баҳснок ба назар мерасад, зеро аз нигоҳи мо масъалаи ҷавобгарӣ ва кафолат иҷрои ухдадориро дар бар намегиранд. Иҷрои ухдадорӣ яке аз роҳҳои қатъи ухдадорӣ мебошад. Муаллифро мебоист дар доираи боби мазкур масъалаҳои иҷро уҳдадорӣ, муҳлати иҷро, қатъи иҷрои уҳдадориро баррасӣ менамуд.

Новобаста аз ин, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад**. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари тахлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**.

Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Аҳтам Рустам ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 13 нафар: тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 1 аз «26» августи соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобоев Ҷамрод Қурбонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 13 нафар: тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 1 аз «28» августи соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

**Ташхисгар:**
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
асисстенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳукуқшиносӣ Дустов С.А.

Имзои Оралбаев Х.Х., Бобоев Ҷ.Қ.,
ва Дустов С.А. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иктисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.

28. 08. 24

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Донишгбҳӣ давлатии молия ва иктисоди
Тоҷикистон. Тел: 231-08-43, 227-30-75 (факс), E-mail: tgfeu@tgfeu.tj